(+992) 44 601 70 70 www.tawhidbank.tj

№3, 23.01.2022с.

TawhidNews | Вестник Тавхидбанка

НАВИДИ ТАВҲИДБОНК



# Ҳисоботи солонаи ҶСК “Тавҳидбонк”

**Тайи 2 соли охир бар асари вусъатёбии вируси сирояткунандаи covid-19 ва паёмадҳои харобиовари он, иқтисоди ҷаҳон зери таъсири бӯҳрони шадиди молиявӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қарор гирифт, ки дар натиҷа дар як муддати кӯтоҳ вазъи тамоми соҳаҳои иқтисодиёти ҷаҳон тағйир ёфта, ба буҷаи аксар кишварҳо хисороти назаррас ворид гардид.**

››› саҳ 2

## Таъсиси ширкати муштараки суғуртаи исломӣ дар Тоҷикистон




Санаи 12-уми декабри соли 2021 дар ҷараёни 10-солагии Форуми умумиҷаҳонии Маблағгузории хурди исломӣ дар 🇦🇪Дубай оиди таъсиси ширкати муштараки суғуртаи исломӣ дар 🇹🇯Тоҷикистон, дар шарикии сармоягузории яке аз ширкатҳои "Такофул" байни ҶСК “Тавҳидбонк” ва Маркази Бонкдории Исломӣ ва Иқтисодии “Алҳудо” Ёддошти тафоҳум ба имзо расид.

## Маҳсулоти бонкдории исломӣ Иҷора ва татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон



Лизинг қисми муҳими хизматрасониҳои молиявиро дар ҷаҳони муосир ташкил медиҳад. Бо мақсади истифодабарӣ, лизинг яке аз намудҳои маъмул дар бахши воқеӣ буда, ба фурӯш баробар аст ва усули маблағгузорӣ нест.

››› саҳ 11

## Таҳлили «Рӯзи умумиҷаҳонии пасандоз» (WORLD SAVING DAY) бо Тавҳидбонк.




Рӯзи умумиҷаҳонии пасандоз ҳамчун рӯзи сарфаҷӯӣ ва истифодаи сарфакоронаи маблағҳо барои мардуми саросари ҷаҳон эълон гардида, ҳамасола 31-уми октябр дар тамоми дунё ҷашн гирифта мешавад.

››› саҳ 11




# Ҳисобот оид ба фаъолияти ҶСК “Тавҳидбонк” дар соли 2021 ва ҳадафу вазифаҳо барои соли 2022

Тайи 2 соли охир бар асари вусъатёбии вируси сирояткунандаи covid-19 ва паёмадҳои харобиовари он, иқтисоди ҷаҳон зери таъсири бӯҳрони шадиди молиявӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қарор гирифт, ки дар натиҷа дар як муддати кӯтоҳ вазъи тамоми соҳаҳои иқтисодиёти ҷаҳон тағйир ёфта, ба буҷаи аксар кишварҳо хисороти назаррас ворид гардид.

Омилҳои номатлуби бӯҳрони мазкур инчунин ба низоми бонкии кишвар, ки ҳамчун маҳаки асосии пешбарандаи иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ мегардад, бар асари коҳишёбии ҳаҷми воридоти интиқол, болоравии номаи умумии нархҳо ва афзоиши хавфҳои қарзию асъорӣ ва пардохтпазирӣ таъсир расонида, талаботи аҳолиро коста ва раванди рушди воқеии иқтисодиётро халалдор намуд.

Новобаста аз таҳдидҳои марбут ба хавфҳои эҳтимолӣ ба низоми бонкии кишвар, ҶСК “Тавҳидбонк”- аввалин бонки исломӣ давоми соли 2021 тибқи мақсад ва вазифаҳои дар стратегияи Бонк муайяншуда фаъолиятро дар ҳама самтҳо пурзӯр намуда, бо таҳия ва татбиқи босамари маҳсулотҳои нави бонкии исломӣ ба натоиҷи назарраси молиявӣ ноил гардид.

Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти Бонк дар соли сипаригардида чунинанд:

-дороиҳои Бонк дар интиҳои моҳи декабри соли 2021 ба 185,6 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 ба маблағи 47,5 млн.сомонӣ ва ё 34,4% зиёд мебошад. Ҳиссаи дороиҳо бо пули миллӣ дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2020 ба андозаи 10 банди фоизӣ афзуда, 74%- ро ташкил дод, ки ин аз фаъол шудани пули миллӣ дар амалиётҳои Бонк нисбат ба асъори хориҷӣ дар ин давра шаҳодат медиҳад.

-дороиҳои пардохтпазири Бонк бошад, дар давоми соли 2021 ба маблағи 25,1 млн. сомонӣ ва ё 36% афзуда, 95 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда аз ҳисоби афзоиши бақияи суратҳисобҳои муросилотӣ (2 маротиба), пулҳои нақд (79,7%) ва захираҳои ҳатмӣ (2,2 маротиба) ба даст оварда шудааст.

Таркиби дороиҳои пардохтпазири Бонк дар солҳои 2020 ва 2021 дар ҷадвалҳои 1 ва 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1**




**Ҷадвали 2**



**Фаъолият дар самти маблағгузорӣ (қарздиҳӣ)**

Бақияи сандуқи маблағгузорӣ дар интиҳои соли ҳисоботӣ 26,4 млн.сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли пешин ба андозаи 2,2 маротиба афзудааст. Дар соли ҳисоботӣ Бонк фаъолияти маблағгузории худро, бахусус тариқи афзоиши пешниҳоди маблағҳо ба бахши тиҷорат ба андозаи 8,2 маротиба, бахши истеъмолӣ 2,8 маротиба, нақлиёт 77,4%, кишоварзӣ 27,3% ҷоннок намуд. Дар маблағгузории бахши сохтмон коҳишёбӣ ба андозаи 11,1% ба назар расид, ки асосан аз ҳисоби кам шудани талаботи муштариён ба ин навъи маблағгузорӣ сурат гирифтааст.
Маблағгузориҳо аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3**




Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳиссаи маблағгузорӣ дар таркиби дороиҳо дар соли ҳисоботӣ ба андозаи 5 банди фоизӣ зиёд гардида, 14%-ро ташкил дод. Ҳиссаи маблағгузориҳои қолабӣ дар сандуқи маблағгузорӣ дар давраи ҳисоботӣ ба андозаи то 2 банди фоизӣ коҳиш ёфта, 98%-ро ташкил дод, ки бо заиф гардидани доираи фаъолияти бархе аз муштариён дар давраи пандемияи covid-19, алоқаманд мебошад.
Ӯҳдадориҳои Бонк дар давоми соли 2021 ба андозаи 55,4% афзуда, маблағи 76,6 млн. сомониро ташкил дод. Дар соли ҳисоботӣ тамоюли мусбии ӯҳдадориҳои Бонк аслан аз ҳисоби зиёд гардидани амонату пасандозҳои ҷалбшуда сурат гирифтааст. Ҳаҷми амонату пасандозҳои Бонк маблағи 61,3 млн. сомонӣ ва ё 80%-и ӯҳдадориҳоро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта ба маблағи 23,8 млн.сомонӣ ва ё 63% боло рафтааст. Ин тағйирёбии босуръат пеш аз ҳама аз ҳисоби ба андозаи 2,4 маротиба зиёд гардидани амонатҳои пасандозӣ, 2 маротиба афзоиши амонатҳои мӯҳлатнок ва 40% зиёд гардидани амонатҳои дархостӣ ба миён омадааст. Афзоиши ҳаҷми амонату пасандозҳои ҷалбшуда аз таҳкими ботадриҷи эътимоднокии аҳолӣ ба бонки мо гувоҳӣ медиҳад.
Таркиби амонату пасандозҳо барои солҳои 2020-2021 дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

**Ҷадвали 4**




Даромади умумии Бонк дар соли 2021 маблағи 65,6 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли қаблӣ 26% коҳиш ёфтааст. Хароҷоти умумии Бонк бошад, дар соли ҳисоботӣ ба андозаи 28% кам гардида, ба 61,2 млн.сомонӣ баробар шуд. Ҳамин тариқ, фоидаи соф дар муқоиса бо соли 2021 ба андозаи 19% афзуда, маблағи 4,4 млн.сомониро ташкил дод, ки дар шароити начандони мусоиди молиявӣ (вобаста ба пандемияи covid-19) барои муштариён, дар низоми бонкӣ як натиҷаи босамар маҳсуб меёбад. Даромаднокӣ ва фоидаи соф дар ҷадвали 5 нишон дода шудааст.


















Нишондиҳандаи дигаре, ки маврид ба арзёбист, ин сармояи танзимшавандаи Бонк мебошад, ки дар давраи ҳисоботӣ 13,4% афзуда, ба 94,5 млн.сомонӣ баробар гардид. Сармояи оиномавии Бонк бошад, нисбат ба соли 2020 ба андозаи 22,8% афзуда, ба санаи 31 декабри соли 2021 ба 109,2 млн.сомонӣ расид, ки ин яке аз омилҳои рушди молиявии Бонк ба ҳисоб меравад. Тамоюли афзоиши сармояи оинномавӣ ва сармояи танзимшавандаи Бонк дар солҳои 2020-2021 дар ҷадвали 6 инъикос шудааст.



Дар баробари ин, дигар нишондиҳандаҳои молиявии Бонк низ дар соли 2021 тамоюли болоравиро нишон доданд, ки барои рушди ботадриҷ ва ноил шудан ба мақсадҳои молиявии пешбинишудаи Бонк, новобаста аз таъсири буҳрони covid-19 мусоидат намуданд.
Интиқоли маблағҳо дар соли 2021 нисбат ба соли қаблӣ ба андозаи 80% афзуд, ки ин нишондиҳанда тавассути кортҳои пардохтӣ то 100% ва низоми интиқолӣ то 57% ба даст омадааст.
Суратҳисобҳои бонкӣ дар соли ҳисоботӣ ба миқдори 13 077 адад зиёд гардида, дар маҷмуъ ба 16 172 адад расид, ки нисбат ба соли пешин ба андозаи 5,2 маротиба афзудааст. Афзоиши босуръати суратҳисобҳои шахсони воқеӣ ба андозаи 9,2 маротиба ва шахсони ҳуқуқӣ - 25,1% ба тавсеаи пойгоҳи муштариёни Бонк аз ҳисоби дорандагони суратҳисобҳои бонкӣ, боис гардид.
Тамоюли тағйирёбии суратҳисобҳои бонкӣ барои солҳои 2020-2021 дар ҷадвали 7 оварда шудааст.




Бинобар мубталои буҳрони ковидӣ шудани иқтисодиёти ҷаҳон ва минтақа, бешубҳа соли 2022 аз роҳбарияти Тавҳидбонк андешидани чораҳои қатъиро тақозо хоҳад кард. Тавҳидбонк ҳамчун муассисаи молиявие, ки мавқеи бозории худро марҳила ба марҳила мустаҳкам месозад, мақсад дорад дарояндаи наздик ба яке аз пешоҳангони низоми бонкии исломӣ дар кишвар ва минтақа табдил ёбад.
Бинобар ин, Раёсати ҶСК “Тавҳидбонк” дар соли 2022 барои худ ҳадафу вазифаҳои зеринро муайян намуд:

- Таҳкими фаъолияти маблағгузорӣ ва сармоякунонии Бонк тавассути зиёдкунии ҳаҷми маблағгузориҳо аз ҳисоби ҷалби бештари маблағҳои озоди аҳолӣ ва сармояи дохиливу хориҷӣ;
- Фаъолшавӣ дар бозори сармоя ҷиҳати дарёфт ва дастрасӣ ба захираҳои пулии арзону дарозмуҳлат;
- Вусъат додани фаъолияти бонкии исломӣ бо роҳи таҳия ва татбиқи маҳсулот ва хизматрасониҳои муосири инноватсионӣ ;
- Татбиқи стратегияи маркетингии ба афзоиши муштариён нигаронидашуда (ҳавасмандгардонӣ ва қонеъсозии талаботи муштариён) баҳри таҳкими пойгоҳи муштариёни Бонк;
- Ҷалби мутахассисони баландихтисосу лаёқатманд ва таҳкими зарфияту иқтидори (потенсиали) кормандон;
- Беҳтарсозии раванди идоракунӣ дар филиалҳои Бонк;
- Баланд бардоштани сатҳи фоиданокии Бонк тавассути самаранок гардонидани ҳама самтҳои фаъолият.




## Гулчине аз аҳодиси набавӣ.

**Дар бораи касе, ки ба бечора (барои пардохти қарз) муҳлат дода бошад.**

2078. Паёмбар (с) гуфт: «Бозаргоне буд, ки ба мардум қарз медод ва чун бечораеро медид, ба дастёронаш мегуфт: “Аз вай даргузаред, шояд ки Худо аз мо даргузарад”. Пас Худо аз вай даргузашт».

Ҷилди 2. Саҳ.252

Дар бораи касе, ки парвое надошта бошад, молро аз куҷо ба даст меорад.

2059. Паёмбар (с) гуфт: «Бар мардум замоне фаро мерасад, ки инсон парвое надорад (моли дунё) аз чӣ чиз гирифтааст: оё аз ҳалом ё аз ҳаром».

САҲЕҲИ АЛ-БУХОРӢ

Ҷилди 2. Саҳ.246 - 247










# Информационно-аналитический обзор финансовой деятельности Тавхидбанка за 2021 год

**Чистая прибыль Банка достигла 4,4 млн.сомони. Чистый доход от портфеля финансирования продемонстрировал рост в 4 раза по сравнению с предыдущим годом. Активы Банка составили 185,6 млн.сомони, продемонстрировав рост на 34%. Общие депозиты показали рост в 2 раза. Денежные переводы выросли на 79%. Положительные показатели рентабельности: ROA и ROE составили 2,4% и 4% соответственно. Коэффициент прибыли на акцию (EPS), то есть рентабельность 1 акции Банка на отчетный период равен 6,8%.Норматив ликвидности НБТ перевыполняется с запасом: К2.1 на 31.12.2021г. составил 128,8% (при регуляторном минимуме 40% для исламских банков).Норматив достаточности капитала К1.1 – 83,1% (при нормативном минимуме НБТ 12%).**

**Положительные финансовые показатели на конец периодов 2020 - 2021 (в млн.сомони)**









На 31 декабря 2021 года уставный капитал банка вырос на 31% по сравнению с прошлым годом и составил 109,2 млн.сомони. За последние три года рост капитала составил 70%, несмотря на ситуацию в мире из-за пандемии COVID 19 который имел влияние на деятельность банков страны.

| Год | Капитал | Денежная часть | Неденежная часть |
|---|---|---|---|
| 2018 | **50,0** | 43,6 (87,2%) | 6,4 (12,8%) |
| 2019 | **65,0** | 58,6 (90,1%) | 6,4 (9,8%) |
| 2020 | **65,0** | 58,6 (90,1%) | 6,4 (9,8%) |
| 2021 | **85,0** | 70,2 (82,5%) | 14,8 (17,4%) |







**В среднем каждый месяц Банк производил финансирование в размере 3,3 млн.сомони и по сравнению с предыдущим годом ежемесячное финансирование выросло в 2,5 раза. Среднемесячное финансирование в 2020 году составляло 1,3млн.сомони, соответственно.**




Основной удельный вес в общем объеме финансирования пришелся на мурабаха-потребительский – около 36% всех сделок финансирования, 33,5% на мурабаха-бизнес, 30% на мурабаха-авто и 1,2% на мурабаха-жильё. Запуск продукта мурабаха-жилье был осуществлен недавно (в октябре 2021 года) и по анализу запросов от клиентов спрос на данный продукт очень высокий.

**Депозитный портфель банка** на отчетный период составляет 61,3млн.сомони. По сравнению с 2020 годом депозиты банка показали рост в размере 64%, по срочным депозитам (мудараба) 81%, по счетам до востребования рост составил 39% и по сберегательным рост составил 2,4 раза.
Далее показана динамика роста депозитов по видам за 2021 год (в млн.сомони):




## Маҳсулотҳои Тавҳидбонк барои муштариён!












Клиентская база банка имеет тенденцию роста как по корпоративным, так и по розничным клиентам и достигла почти 17 000. По сравнению с аналогичным периодом прошлого года рост продемонстрирован более чем в 5 раз, в том числе по физическим лицам в 9 раз.
Далее на графике показана динамика роста количества розничных и корпоративных клиентов банка с 2016 года по 2021 год:




Объем денежных переводов за 2021 год составил 1,9 млрд.сомони и вырос на 79% по сравнению с прошлым годом (1,1млрд за 2020 год). Стоить отметить, что в 2020 году в связи с пост трансформационным периодом и пандемией Covid 19 Тавхидбанк потерял значительную часть рыночной доли денежных переводов и как видно из графика восстановил потерянные рыночные позиции и обеспечил рост на переводы в 2021 году на 840,7 млн.сомони:















В перечень основных продуктов и услуг предлагаемых Тавхидбанком входят мурабаха - мурабаха-автофинансирование, мурабаха-потребительский, мурабаха- финансирование бизнеса и мурабаха-покупка жилья с невысокой ставкой прибыли.

Также клиентам предлагаются исламские кредитные карты “Сабз” с лимитом 3000 сомони и 6000 сомони с изъятием единовременной комиссии. Клиенты имеют возможность при досрочном погашении задолженности, повторно, но без повторной комиссии получить средства, согласно предоставленному предыдущему лимиту (3000 сомони или 6000 сомони) на остаток срока (в общем 1 год). Исламская кредитная карта “Сабз” может быть привязана к мобильному приложению Тавхидбанка – Tawhid Pay, которая прошла экспертизу на соответствие принципам исламского финансирования, для безналичных расчетов.




Погашения могут производится посредством кошелька, а также через платежные терминалы партнеров банка – «Банк Эсхата», МДО «Тамвил» и ООО МДО «Душанбе Сити». Через платежные терминалы клиенты Тавхидбанка также могут пополнить свой депозитный счет, свой мобильный кошелек Tawhid Pay а также пополнить дебетовые карты банка «Т-корт» абсолютно бесплатно. Дебетовые карты Тавхидбанка «Т-корт» удобны для получения и отправки денежных переводов, по которым Банк всегда предлагает выгодный валютный курс и лимит до 35 000 сомони в день для обналичивания через банкоматы банка.

Данные карты также привязываются к мобильному приложению Tawhid Pay, через который можно пополнить свой и чужой кошелек, карту Тавхидбанка и чужую карту, производить оплату через Pos-терминалы и посредством QR-кодов, оплачивать коммунальные услуги, услуги интернет и другое абсолютно без комиссии.

Кроме карт, идентифицированные клиенты могут привязывать к Tawhid Pay свои счета в Тавхидбанке и производить переводы между своими счетами, на свой и чужой кошелек и карты.

Мобильное приложение Tawhid Pay можно скачивать, находясь на территории России и производить переводы привязывая российские банковские карты без ограничения в сумме.

**Реализованные проекты:**

**1. Открытие образовательного центра «Iqra».**

Целью данного центра является организация обучения населения, банковских и небанковских служащих республики путем проведения семинаров по исламской банковской тематике. Проводимое обучение учебным центром Тавхидбанка в значительной мере приобретёт инструментальный характер, направленный на улучшение знаний и навыков в области исламского финансирования и банкинга. В настоящее время в Тавхидбанке созданы необходимые условия для удовлетворения образовательных потребностей обучающихся, имеется учебная аудитория, оборудование и другие технические возможности, что способствует высокому качеству подготовки и проведения семинаров онлайн и офлайн. Здесь желающие могут обучаться основам и принципам практики исламского финансирования, на основе новой методологии современного обучения.

**2. Выпуск данного квартального информационно-аналитического вестника «Tawhid news».**

**3. Подготовка к открытию первой исламской страховой компании в Таджикистане Tawhid Takafful.**

**Международные партнеры Тавхидбанка**

**За 2021 год Банк завоевал доверие более 10 новых международных партнеров, в том числе:**




**Награды Тавхидбанка**
**21 октября 2021 года в Ташкенте (Республика Узбекистан) на втором Форуме Исламского Банкинга и Финансов по СНГ, Тавхидбанк был награжден сертификатом «Лучший исламский Банк СНГ».**
**Награда присуждена Организационным Комитетом Премии СНГ в области исламского банкинга и финансов.**

# Маҳсулоти бонкдории исломӣ Иҷора ва татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон

Лизинг қисми муҳими хизматрасониҳои молиявиро дар ҷаҳони муосир ташкил медиҳад. Бо мақсади истифодабарӣ, лизинг яке аз намудҳои маъмул дар бахши воқеӣ буда, ба фурӯш баробар аст ва усули маблағгузорӣ нест. Аммо, бо сабабҳои муайян, аз ҷумла бо назардошти баъзе бартариҳои андозбандӣ, лизинг дар бисёр кишварҳо бо мақсади маблағгузорӣ истифода мешавад ва муассисаҳои молиявӣ дар навбати худ намудҳои гуногуни дороиҳоро ба мизоҷони худ ба иҷора медиҳанд.

Дар мақолаи мазкур механизмҳои истифодаи маҳсулоти бонкдории исломӣ дар асоси иштирок дар муомилоти хариду фурӯш - иҷора, муқоисаи он бо лизинги анъанавӣ (лизинги молиявӣ), инчунин масъалаҳои марбут ба истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд.

Иҷора бо тарҷума аз забони арабӣ маънои «ба иҷора додан»-ро дорад.

Дар фаҳмиши муносибатҳои молу мулкии исломӣ-иҷора ва лизинг дар баёни анъанавии худ маънои истилоҳи «иҷора»-ро таҷассум менамоянд.

Дар молияи исломӣ, иҷора ба маҳсулотҳои маблағгузории қарзӣ (муносибатҳои қарзӣ) дохил мешавад. Мувофиқи шартҳои созишномаи иҷора, як тараф иҷорадеҳ молу мулки муайянро (манқул ва ҳам ғайриманқул) ба мӯҳлати муайян ба даст меорад ва ба тарафи дигар (иҷорагир) ба иҷора медиҳад ва аз он дар шакли пардохти иҷорапулӣ музд мегирад, ки маблағи онро ҷонибҳо пешакӣ мувофиқа менамоянд. Ҳуқуқи моликият нисбат ба амвол (дороӣ), ки предмети иҷораро дарбар мегирад, дар ихтиёри иҷорадеҳ боқӣ мемонад. Ба ибораи дигар, иҷорадеҳ ҳуқуқи истифодаро (узуфрукт) мефурӯшад. Масалан, дар бонкдории исломӣ, муносибати байни бонки исломӣ - иҷорадеҳ ва муштарӣ - иҷорагир тибқи созишномаи иҷора аз муносибати кредитор ва қарздор дар бонкдории анъанавӣ фарқ мекунад,

зеро предмети шартнома дар ин ҷо дороиҳои моддӣ бaромад менамоянд.

Яке аз донишмандони бузурги замони мо дар соҳаи иқтисод ва молияи исломӣ Муҳаммад Тақии Усмонӣ мафҳуми иҷораро ба таври зерин маънидод мекунад: «Дар ҳуқуқи исломӣ истилоҳи «Иҷора» дар ду ҳолати гуногун истифода мегардад. Аввалан, ин маънои онро дорад, ки аз хидмати касе ба ивази маблағе, ки ба ӯ ҳамчун мукофотпулӣ барои хизмати расонидашуда дода мешавад, истифода барад. Ҳолати дуввуми иҷора ба ҳуқуқи истифодаи амвол ва моликият дахл дорад. Иҷора ба ин маъно додани ҳуқуқи истифодаи моликияти муайян ба шахси дигар ба ивази пардохти иҷорапулиро дорад. Ба ин маъно истилоҳи «Иҷора» ба истилоҳи англисии «лизинг» монанд аст.

Тибқи стандартҳои байналмилалии Ташкилоти баҳисобгирӣ ва аудити муассисаҳои молиявии исломӣ (AAOIFI), иҷора - ин иҷораи амалиётӣ мебошад, ки дар он муассиса (бонки исломӣ) дороиро ба даст меорад ва ба муштарӣ ба мӯҳлати муайян ба иҷора медиҳад. Шартнома ваъдаро дар бар намегирад, ки амволи ба иҷора гирифташуда дар охири мӯҳлати иҷора ба моликияти иҷорагир гузаронида мешавад.

Барои дуруст дарк кардани моҳияти амалиёт бо аҳди иҷора бояд қоидаҳои дар поён овардашударо ба роҳбарӣ гирифт.





**Қоидаҳои асосӣ дар шартномаи иҷора:**

- то бастани шартномаи иҷора амвол (объекти шартнома) бояд моликияти иҷорадеҳ бошад;
- объектҳое, ки узуфрукт надоранд, наметавонанд объекти шартномаи иҷора бошанд;
- ҳуқуқи моликият ба амволи объекти иҷора дар ихтиёри иҷорадеҳ мемонад, танҳо узуфрукти он ба иҷорагир дода мешавад;
- созишномаи иҷора наметавонад нисбати пул ва ашёе, ки истеъмол мегарданд (хӯрока, сӯзишворӣ ва ғайра) амалӣ карда шавад. Агар ин гурӯҳ ба иҷора дода шаванд, он ҳамчун қарз ҳисобида мешавад ва ҳама гуна иҷораи аз қарз гирифташуда рибо ҳисобида мешавад;
- аз сабаби он, ки амволи ба иҷора додашуда дар моликияти иҷорадеҳ аст, тамоми масъулият ва хавфҳо (масалан: барои ҳама гуна зараре, ки ба объект аз ҳолатҳои ба амали иҷорагир новобаста рух додаанд; арзон гардидани нархи объект ва ғайра), ки бо ҳуқуқи моликият алоқаманд аст, дар давоми тамоми давраи иҷора ба зиммаи иҷорадеҳ мемонад;
- предмети иҷора бояд аз ҷониби тарафҳои созишномаи иҷора пурра муайян карда шавад;
- мӯҳлати амали созишномаи иҷора бояд аниқ муайян карда шавад;
- иҷорапулӣ бояд ҳангоми бастани созишномаи иҷора ба тарви возеҳ муайян карда шавад ва барои тамоми давраи иҷора муқаррар карда шавад;
- давраи иҷора ва пардохти он ҳангоми ба истифодаи иҷорагир дастрас шудан (интиқол ёфтан) оғоз мешавад;
- иҷорагир бояд амволи ба иҷора гирифташударо мақсаднок истифода барад ва дар сурати беэҳтиётона ё ғайримақсад истифода бурдан ба амволи иҷора осеб расонад, масъулияти таъмир, ба ҳолати корӣ овардан ва дигар хароҷоти марбута, ба зиммаи иҷорагир вогузор карда мешавад;
- иҷорадеҳ наметавонад иҷорапулиро яктарафа зиёд кунад;
- таъмири асосии объекти созишномаи иҷора аз ҳисоби иҷорадеҳ ва хизматрасонии техникӣ ва таъмири ҷорӣ аз ҳисоби иҷорагир сурат мегирад;
- агар предмети иҷора хусусиятҳои фоиданокии худро комилан гум карда бошад (корношоям шавад), шартномаи иҷора аз лаҳзаи рух додани чунин ҳолат қатъ мегардад;
- иҷорадеҳ ҳуқуқ надорад дар сурати таъхир додани пардохти иҷорагир иҷорапулиро зиёд намояд ё дигар пардохти иловагиро талаб намояд. Аммо барои пешгирӣ кардани оқибатҳои манфии сӯиистифода аз ин мамнӯъият, мумкин аст дигар амалҳо истифода шаванд. Дар сурати таъхири пардохти иҷорапулӣ, метавонад аз иҷорагир талаб карда шавад, ки ӯ бояд маблағро ба мақсадҳои хайриявӣ пардохт намояд.

Давом дорад >>>

## Таҳлили «Рӯзи умумиҷаҳонии пасандоз» (WORLD SAVING DAY) бо Тавҳидбонк.




Рӯзи умумиҷаҳонии пасандоз ҳамчун рӯзи сарфаҷӯӣ ва истифодаи сарфакоронаи маблағҳо барои мардуми саросари ҷаҳон эълон гардида, ҳамасола 31-уми октябр дар тамоми дунё ҷашн гирифта мешавад.

Ҳамкорони мо низ бахшида ба «Рӯзи умумиҷаҳонии пасандоз» (World Savings Day) ба ноҳияи Рӯдакӣ, ба Гимназияи тоҷикӣ – русии ба номи А. С. Пушкин сафар доштанд. Зимни вохурӣ бо омӯзгорону мактаббачагони гимназияи мазкур мутахассисони ҶСК «Тавҳидбонк» Самадов Д, Раҳимов М, Бобоев Б ва дигарон оид ба мафҳуму моҳияти пасандоз кардани пул ва сарфакории он ба хотири фардо, маърӯзаҳои муҳиму пурмӯҳтаво пешниҳод намуданд. Ва иброз доштанд, ки мардуми мо бояд ба таълими молиявии ҷавонон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намоянд, зеро муносибат ба пулро аз хурдӣ тарбия кардан зарур аст. Ва шахсоне, ки қаблан ба пасандозкунӣ шурӯъ мекунанд, дар оянда метавонанд маблағҳои ҷамъшударо ҳамчун сармояи асосӣ барои мустақилияти молиявии худ истифода баранд.

Дар охири чорабинӣ миёни кормандони бонки исломӣ ва хонандагон саволу ҷавоби ҷолибу хотирмон сурат гирифта, донишомӯзони гимназия бо тӯҳфаҳои хотиравии ҶСК «Тавҳидбонк» сарфароз гардонида шуданд.

Воқеан «Рӯзи умумиҷаҳонии пасандоз» бозтоби ояндаи дурахшони Шумо ва фарзандони шумост, ҳамватанони азиз!




# Дар фазилати савоби касби ҳалол



Ва Расул (с) гуфт: «Ҳар кӣ аз дунё ҳалол талаб кунад, то аз халқ бениёз шавад ва ё бо ҳамсояю хешован- дони хеш некӯӣ кунад, рӯзи қиёмат меояд ва рӯи вай чун моҳи шаби чаҳордаҳ бошад». Ва гуфт: «Бозаргони рост- гӯй рӯзи қиёмат бо сиддиқону шаҳидон ба ҳам хезад». Ва гуфт: «Худой Таъоло мӯъмини пешаварро дӯст дорад». Ва гуфт: «Ҳалолтарин чизе касби пешавар аст, чун насиҳат ба ҷой оварад».1 Ва гуфт: «Тиҷорат кунед, ки рӯзии халқ аз даҳ нӯҳ дар тиҷорат аст». Ва гуфт: «Ҳар ки дари суол бар хештан кушода кунад, Худой Таъоло ҳафтод дари дарвешӣ бар вай кушода кунад».

' Ва Исо (а) мардеро дид, гуфт: «Ту чӣ кор кунӣ?» Гуфт: «Ибодат кунам». Гуфт: «Кут аз куҷо хӯрӣ?» Гуфт: «Маро бародаре аст, вай кути ман рост медорад». Гуфт: «Пас бародари ту аз ту обидтар аст».

Ва Умар (рз) гуфт, ки даст аз касб бимадореду гӯед: Худой Таъоло рӯзӣ диҳад, ки Худой Таъоло аз осмон зару сим нафиристад.

Ва Луқмони Ҳаким фарзанди хешро васият карду гуфт: «Даст аз касб бимадор, ки ҳар кӣ дарвешу ҳоҷат- манди халқ гардад, дини вай тунук шавад ва ақли вай заиф шавад ва муруввати вай ботил шавад ва халқ ба чашми ҳақорат ба вай нигаранд».

Якеро аз бузургон пурсиданд, ки обид фозилтар ё бозаргони боамонат? Гуфт: «Бозаргони боамонат, ки вай дар ҷиҳод аст, ки Шайтон аз роҳи тарозу ва додану ситадан қасди вай мекунад ва вайро боз ӯ1 хилоф ҳаме- кунад».

Умар (рз) мегӯяд, ки ҳеҷ ҷое, ки маро марг дарояд дӯсттар аз он надорам, ки дар бозор бошаму барои иё- ли хеш талаби ҳалол ҳамекунам.

Ва Аҳмад ибни Ҳанбалро пурсиданд, ки чӣ гӯӣ дар марде, ки дар масҷид бинишинад ба ибодат ва гӯяд, ки Худой Таъоло Худ рӯзӣ падид оварад? Гуфт: «Ин марде ҷоҳил бошад ва шаръ намедонад, ки Расул (с) мегӯяд, ки Худой Таъоло рӯзии ман дар сояи найзаи ман бастааст, яъне ғазо кардан».

Ва Авзоъӣ Иброҳими Адҳамро дид бо ҳузмаи ҳсзум бар гардан ниҳода, гуфт: «То кай хоҳад буд ин касб кардани ту? Ва бародарони ту ин ранҷ аз ту кифоят кунанд». Гуфт: «Хомӯш, ки дар хабар аст, ки ҳар ки дар мавқифи мазаллат биистад дар талаби ҳалол, Худой Таъоло биҳишт вайро воҷиб кунад»

Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ.
Кимиёи саодат. Ҷилди аввал.
Асли саввум "Дар одоби касбу тиҷорат"
саҳифаи 404-405

Дар аҳди иҷора яке аз шартҳо ин аст, ки предмети шартнома ва инчунин фоида аз истифодаи он бояд аз нуқтаи назари ҳуқуқи исломӣ (ба мисли дигар маҳсулоти бонкдории исломӣ) ҷоиз бошад. Масалан, бинои иҷора тибқи созишномаи иҷора набояд барои истеҳсоли молҳо ва хидматҳои ба одамон зароровар, ба мисли истеҳсоли машрубот ва маҳсулоти тамоку, қимор ва ғайра истифода шавад.

Шартномаи иҷора яке аз созишномаҳои воқеӣ буда, ҳангоми интиқоли амволе, ки мавзӯи иҷора аст, басташуда ҳисоб мегардад. Инчунин қайд кардан муҳим аст, ки иҷорагир дар шартномаи иҷора ӯҳдадор нест, ки дар сурати корношоям шудани объекти иҷора маблағи иҷораро пурра пардохт намояд. Бонки исломӣ, ки ба сифати иҷорадеҳ амал мекунад, ӯҳдадор аст, ки объекти иҷораро суғурта кунад ва ҳаққи суғуртаро пардохт намояд, дар ҳоле ки ҳаҷми пардохтҳои иҷора дар давоми тамоми давраи созишномаи иҷора бетағйир боқӣ мемонад. Бояд қайд кард, ки дар низоми маблағгузории исломӣ механизмҳое мавҷуданд, ки ба иҷорагир интиқол додани ин гуна хароҷотро иҷозат медиҳанд (иҷорадеҳ метавонад дар ҳолати бастани шартномаи иҷора, ҳангоми ҳисоб кардани иҷора хароҷоти суғуртаро ба назар гирад).

Лизинги анъанавӣ ва иҷора умуман як мафҳуми монандӣ доранд, аммо бинобар нозукиҳои муайяне, ки дар зер баррасӣ мешаванд, онҳоро шабеҳ ҳисобидан мумкин нест. Предмети лизинги анъанавӣ амволест, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ пешбинӣ шудааст ва дар мавриди иҷора бошад, ин маҳдудиятҳо камтар ба назар мерасанд. Мизоҷи бонки исломӣ метавонад барои истифода ё ба даст овардани дороиҷо ҳам барои фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳам барои истифодаи шахсӣ, масалан, иҷораи бинои истиқоматӣ созишномаи иҷора бандад. Нисбат ба маҳсулоти иҷора талаботи бештар вуҷуд дорад, зеро аз хизматрасонии ин намуди маблағгузорӣ на танҳо шахсони ҳуқуқӣ ё соҳибкорони инфиродӣ, балки шахсони воқеӣ низ метавонанд истифода баранд, ки ин маънои онро дорад, ки пойгоҳи муштариёни бонкҳои исломӣ бо истифода аз ин намуди маблағгузорӣ мутаносибан васеъ мешаванд. Илова кардан лозим аст, ки иҷора инчунин метавонад барои ба даст овардани дороиҳои ғайримоддӣ истифода шавад, чун ҳуқуқи истифода, масалан, тамғаи молӣ (франшиза), патент, объекти ҳуқуқи муаллифӣ ва ғайра. Илова бар ин, мизоҷони бонки исломӣ, ки хоҳиши пардохти хидмати ширкати нақлиётӣ, сайёҳӣ, хидматрасонии тиббӣ ва таълимиро доранд, метавонанд аз маҳсулоти иҷора истифода баранд.

Аз сабаби он, ки иҷораи холис на ҳама вақт ба талаботи гардиши тиҷоратии муосир ҷавобгӯ аст, шакли нави ин шартнома таҳия карда шудааст. Дар амалияи бонкҳои исломӣ, он бо номҳои «иҷора мунтаҳия бит-тамлик» («бо гузаштан ба ихтиёрдорӣ»), «Иҷора вал-иқтинаа» («ва қонеъ кардани дархост») ва «иҷора тумма ал-бай» (бо фурӯши баъдӣ) маъмул аст. Ин мафҳумҳо, дар ин ё он шакл, нишон медиҳанд, ки иҷора бо ҳуқуқи интиқоли моликияти амволи ба иҷора гирифташуда пурра мегардад. Ҳамзамон, аз нуқтаи назари ҳуқуқшиносон-олимони ислом, мушкилоте вуҷуд дорад, ки иҷора бо гузашти минбаъдаи ҳуқуқи моликият маънои бастани ду муомилоти мустақилро дорад: иҷора (лизинг) ва сипас хариди (гузаштани ҳуқуқи минбаъдаи моликият) амволи иҷора. Тибқи ҳуқуқи исломӣ, танзими ин ду муомилот дар чорчӯбаи як шартномa иҷозат дода намешавад, зеро як дорoӣ наметавонад ҳамзамон объекти ду шартнома эътибор дошта бошад ва интиқоли моликият бояд фавран сурат гирад ва аз ин рӯ, наметавонад барои санаи оянда расмӣ карда шавад (зероояндаро пешгӯӣ кардан душвортар аст, бинобар ин дар худи шартнома номуайянӣ (ғарар) ба вуҷуд меояд). Бо мақсади ҳалли ин масъала ҷанбаҳои зерин барои интиқоли моликият ба объекти иҷора таҳия карда шудаанд:

- **гузаштани моликият ба молу мулк дар асоси шартномаи алоҳида сурат мегирад;**
- **интиқоли моликият пас аз ба охир расидани мӯҳлати созишномаи иҷора сурат мегирад;**
- **пеш аз ба охир расидани мӯҳлати созишномаи иҷора, имконпазир аст, ки ӯҳдадории яктарафаи бонки исломӣ баста шавад (ӯҳдадории интиқоли ҳуқуқи моликият ба амвол пас аз анҷоми созишномаи иҷора);**
- **ё имконпазир аст, ки ӯҳдадории яктарафаи муштарӣ баста шавад (ӯҳдадории гирифтани ҳуқуқи моликият пас аз анҷоми созишномаи иҷора);**
- **гирифтани ӯҳдадорӣ яктарафа аст, яъне, танҳо барои як тараф ҳатмист. Тарафи дигар ҳуқуқи интихоб карданро дорад.**

Стандарти шариатии Ташкилоти баҳисобгирӣ ва аудити муассисаҳои молиявии исломӣ (AAOIFI) №9 «Иҷора, иҷора бо гузашти моликият» яке аз усулҳои зерини интиқоли моликият ба амволи ба иҷора гирифтаро тавсия медиҳад, ки бояд дар як ҳуҷҷати алоҳида аз шартномаи иҷора нишон дода шавад:

- бо фурӯши маблағи рамзӣ ё арзиши воқеии боқимонда;
- бо фурӯши то ба охир расидани мӯҳлати иҷора бо нархе, ки ба маблағи пардохтҳои боқимондаи иҷора ё бо арзиши бозорӣ баробар аст;
- тавассути тӯҳфа, ки бо шарти пардохти боқимондаи иҷора тибқи созишномаи иҷора алоқаманд аст.

Фарқи асосии байни лизинги анъанавӣ ва иҷора монанди дигар аҳдҳои бонкдории исломӣ, набудани муносибатҳои фоизӣ дар созишномаи иҷора мебошад. Бо ибораи дигар, кредитор наметавонад аз иҷорагир пардохти муайяни истифодаи захираҳои кредитиро талаб кунад, ки дар асл фоизи пинҳониро дар назар дорад. Дар лизинги молиявӣ, сармоягузор дар ҷараёни ба даст овардани амвол иштирок намекунад ва аз ин рӯ масъулият (ҳуқуқи моликият) ва предмети шартномаро ба дӯш намегирад.

Иштироки ӯ танҳо бо пешниҳоди маблағ ва назорати саривақт баргардонидани он ва пардохти он маҳдуд аст. Иҷора бошад пас аз ба даст овардани амвол аз ҷониби иҷорадеҳ бо мақсади ба иҷора додани амвол, пурра масъулияти ба дӯши худ гирифтанро ифода менамояд. Ин лаҳза хеле муҳим ва ҳатмист, зеро бонки исломӣ, ки ба сифати иҷорадеҳ амал мекунад, мувофиқи риояи талаботи ҳуқуқи исломӣ хавфҳои бештарро ба зиммаи худ мегирад. Инчунин, як хусусияти фарқкунандаи иҷора дар он аст, ки хароҷоти марбут ба фарсудашавӣ, суғурта ва андозҳо (масалан, андози амвол, зеро бонки исломӣ ҳамчун иҷорадеҳ то лаҳзаи гузаштани моликият соҳиби амволи ба иҷора гирифташуда ҳисобида мешавад) ба зиммаи иҷорадеҳ вогузор карда мешавад, дар лизинги анъанавӣ бошад хароҷот барои таъмири асосӣ, суғуртаи объектҳои ба иҷора гирифташуда аз ҷониби иҷорагир пардохта мешаванд. Дигар фарқияти назарраси модели анъанавии лизинги молиявӣ нисбат ба иҷора дар он аст, ки иҷрои аҳдҳои лизингӣ дар як вақт бастани ду аҳд нисбати як амволро дар бар мегирад (иҷора ва хариду фурӯши он), дар молияи исломӣ бошад дар як вақт якҷоя кардани ду амалиёт ва инчунин истифодаи пардохтҳои лизингӣ дар шакли фоизҳо манъ аст.

Яке аз ҷузъҳои муҳими иқтисодиёти кишвар ва қувваи ҳаракатдиҳандаи он, низоми молиявӣ ва бонкии он мебошад. Рушди низоми бонкӣ ба ғайр аз дигар хизматрасониҳои молиявӣ, инчунин тавассути такмил додани механизмҳо ва воситаҳои мавҷудаи қарздиҳӣ, васеъ кардани номгӯи маҳсулот, хизматрасониҳои молиявӣ ва мутобиқсозии воситаҳои нави маблағгузорӣ имконпазир аст. Аз ин рӯ, дар стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, ҳамчун самтҳои асосӣ дар самти ислоҳоти бахши молиявӣ, чорабиниҳо барои истифодаи васеи бонкдории исломӣ муайян гардидаанд. Бо дастгирии ин самти фаъолият, рушди низоми бонкӣ боз ҳам тараққӣ хоҳад намуд ва мардум метавонанд аз маҳсулотҳои гуногуни бонкӣ истифода баранд.

Ҳамзамон, бо назардошти маҳдудиятҳои мавҷуда, бонкҳое, ки хизматрасониҳои худро пешкаш мекунанд, дар амал метавонанд бо як қатор мушкилоти мураккаби марбут ба татбиқи баъзе маҳсулоте, ки аз ҷиҳати мундариҷа ва истифода дорои хусусиятҳои хос мебошанд, дучор оянд. Дар ин ҳолат, маҳсулотҳои бонкдории исломӣ истисно нестанд, зеро онҳо, ки мустақиман бо гардиши пулию молӣ алоқаманданд ва бо дороиҳои воқеӣ таъмин мебошанд, қадам ба қадам бояд якҷоя бо мақомоти дахлдор роҳҳои ҳалли ин мушкилотро дарёфт намоянд .

Омилҳои асосии маҳдудкунандаи ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз номукаммалии қонунгузорӣ ва низоми андозбандӣ (андозбандии дукарата), инчунин эътироф нагардидани маблағгузории бонкҳои исломӣ ҳамчун амалиёти бонкӣ мебошанд. Аз ин рӯ, татбиқи пурраи механизми иҷора низ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳалли мушкилоти муайян алоқаманд мебошад.

Хулоса бояд қайд намуд, ки барои ҷорӣ ва истифодаи пурраи механизми иҷора дар баробари дигар воситаҳои бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама заминаи ҳуқуқии мусоид фароҳам овардан лозим аст (санадҳои ҳуқуқӣ-меъёрии ҷориро бо бонкдории исломӣ мутобиқ сохта, мукаммал намудан) ва шароити баробарро дар танзими андози бонкҳои исломӣ дар рақобат бо бонкҳои анъанавӣ муҳаё намудан аст.

**Адабиёти истифодашуда:**


**1.Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.**

**2.Стандарти шариатии Ташкилоти баҳисобгирӣ ва аудити муассисаҳои молиявии исломӣ (AAOIFI) №9 «Иҷора, иҷора бо гузашти моликият».**

**3.Журавлев, А. Ю. Исламский банкинг / научн. ред. А.О. Филоник. - М.: ООО «Садра», 2017. - 232 с.**

**4.Усмани, М. Т. Введение в исламские финансы / пер. с англ. ЛяРиба-Финанс. - М.: Исламская книга, 2016. - 160 с.**

**5.Understanding Islamic finance / Muhammad Ayub, 2007, John Wiley & Sons Ltd., pp. 516**



**Муаллиф: Шукруллохон Шарипов, сармутахассиси**
**Маркази таълимии ҶСК “Тавҳидбонк”.**


# ОБУЧЕНИЕ ПЕРСОНАЛА КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ КАДРОВОГО ПОТЕНЦИАЛА



Вопросы формирования и развития кадрового потенциала в исламской банковской деятельности считается одним из наиболее актуальных на сегодняшний день.
В рамках двустороннего сотрудничества Национального банка Таджикистана с Азиатским банком развития, в целях повышения квалификации и компетенций (формирование кадрового потенциала) специалистов банковской системы Таджикистана, со стороны независимой консалтинговой компании IFAAS (Консультационные и заверительные услуги в области исламского финансирования) для сотрудников финансово-кредитных учреждений страны были организованы и проведены (июнь – октябрь 2021г.) дистанционные модульные обучающие семинары в области исламских финансов и банкинга.

Обучающая программа состояла из следующих модулей:

Подготовительный модуль – Введение в исламские финансы.
Базовый модуль – Исламский банкинг, микрофинансирование и лизинг.
Базовый модуль – Такафул (Исламское страхование).
Базовый модуль – Сукук (Исламские облигации).
Продвинутый модуль – Риск менеджмент в исламском банкинге.
Продвинутый модуль – Налогообложение в исламском банкинге.
Продвинутый модуль – Бухгалтерский учет в исламских финансовых учреждениях.
Продвинутый модуль – Управление ликвидностью.
Продвинутый модуль – Корпоративное и Шариатское управление.

В ходе проведения модульных семинаров были рассмотрены теоретико-практические вопросы в области исламских финансов и банковского дела, начиная от основных принципов исламского финансирования и заканчивая до обсуждения практических вопросов реализации соответствующих механизмов исламского банкинга.
Кроме того, в продолжении модульных семинаров, в целях ознакомления соответствующих специалистов банковского сектора страны с действующими практиками исламской финансово-банковской индустрии, также были организованы и проведены обучающие онлайн семинары (ноябрь – декабрь 2021г.) на тему «Обмен современным опытом в области исламских финансов» с участием руководителей компаний в сфере исламских финансов и банкинга разных стран мира.
Необходимо отметить, что, проявляя большой интерес к вышеприведенным мероприятиям, сотрудники ОАО «Тавхидбанк» приняли активное участие и повысили свою квалификацию в данном направлении деятельности.


**Автор: Шукруллохон Шарипов, главный специалист**
**учебного Центра ОАО «Тавхидбанк».**



**Кортҳои дебетии худро бо ҳамёни мобилии Tawhid Pay идора кунед.**

Загрузите в App Store

Загрузите в Google Play




(+992) 44 601 70 70

www.tawhidbank.tj







## *Семинари омӯзишӣ оиди амалиётҳои бонкӣ ва маҳсулотҳои бонкдории исломӣ*

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониши мутахассисони филиали ҶСК “Тавҳидбонк” дар шаҳри Хуҷанд, мутахассисони филиал дар якҷоягӣ бо Маркази таълимии Бонк, санаи 12 декабри соли 2021 барои кормандони марказҳои хизматрасонии бонкӣ, дар бинои филиали бонк дар ш.Хуҷанд, семинари амалӣ баргузор намуданд.

Дар семинари мазкур мутахассисони марказҳои хизматрасонии бонкии филиал иштирок намуданд.

Семинари амалӣ қисми асосии самтҳои фаъолиятро, ки марказҳои хизматрасонии бонкӣ фаро гирифта, бояд ба муштариён маълумоти пурра пешниҳод намоянд ва хизматрасонии босифатро пешкаш намоянд, дарбар гирифт, аз ҷумла:

- оиди кортҳои дебитӣ ва кредитӣ;
- пайвастнамоӣ ба замимаии бонкии Tawhid Pay;
- оиди аҳдҳои Муробаҳа ва маҳсулотҳои он (авто, истеъмолӣ, тиҷорат, манзил);
- амонату пасандозҳои исломӣ (Қарз, Музораба, Ҳаҷ);
- оиди Қонуни ҶТ “Дар бораи авф бинобар қонунигардонии доироиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони ҶТ”.

Дар анҷоми семинар саволу ҷавоб оиди масъалаҳои зикршуда гузаронида шуда, мувофиқи барномаи семинар шунавандагон аз санҷиши тестӣ гузаштанд.

Семинару машғулиятҳои мазкур барои баланд бардоштани сатҳи касбии кормандон, муайану ҳал намудани саволу мушкилоти ҷорӣ дар фаъолияти марказҳои хизматрасонии бонкӣ кӯмак менамояд.






**Ҳайати мушовара:**

-Зардов Ш.Д - Раиси Раёсат (роҳбари гурӯҳ);
-Ҳасанзода М. - Муовини аввали Раиси Раёсат;
-Анваров Ш.А - Муовини Раиси Раёсат;
-Ташрифов М.С - Мушовири Раиси Раёсат;
-Давлатов Ф.Р - Сардори Идораи муҳосибот ва молия;
-Самадов Д. А - Сардори Идораи маблағгузории исломӣ.

**Ҳайати таҳрия:**

- Ҳикматова С. Қ. – сармуҳаррири маҷалла;
- Шарипов Ш. С. - котиби масъул;
- Лалбеков П. Қ. - масъули масоили ҳуқуқӣ;
- Боев Д. М. - саҳифабанд ва дизайнер;
- Касымова С. И. - тарҷумон.

ҶСК ”Тавҳидбонк”, ҳайати мушовара ва таҳрия барои матни мақолаҳои муаллифон масъул нест.